# ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи Дастурамал дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А "Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Дастурамал дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А "Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | моҳи августи соли 2023 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, аз санаи 18 март то санаи 28 апрели соли 2023 машварати оммавӣ гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2023, №177/1с пешниҳод гардид. Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳодҳо ворид нагардида, нақшаи кабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки | Мақсади асосии қабули Дастурамали мазкур |

| | |
|---|---|
| барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва окибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | мукаммалсозии омода намудани маълумоти дақиқ ва шаффоф оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси механизмҳои нави ҷамъбаст намудани маълумот аз рӯи ҳар як намуди андозҳо, маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, ҳисоби тавозунӣ, ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯи онҳо, инчунин дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳисоб ва пардохт менамоянд, мебошад.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур эҳтимолияти нопурра ва носаҳеҳ ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намудани ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба буҷет пардохтшаванда пайдо ва автоматикунонии маълумот дар ин самт ғайриимкон мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсад аз дахолати давлат, яъне қабули Дастурамали мазкур - мушаххас намудани муқаррароти умумии қонунгузорӣ дар самти пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад.<br>Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон санади мазкурро ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади таҳлили сатҳи иҷрои ухдадориҳои андозӣ, пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, инчунин муайян намудани ҳолати воқеии молиявию хоҷагидории онҳо таҳия менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии | Лоиҳаи Дастурамали мазкур бо назардошти таҷрибаи муосири ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳоди маълумоти дақиқу саҳеҳ ва саривақтиро оид ба андозҳои ҳисобшуда ва |

| | |
|---|---|
| ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | пардохтшуда тақозо менамояд, инчунин дар оянда метавонад дар раванди ҷамъбасти маълумоти оморӣ барои сари вақт ва бемамоният омода намудани нишондиҳандаҳои асосии оморию бонкӣ аз рӯи ҳар як намуди андоз мусоидат намояд. Дар доираи Дастурамали мазкур шакл, мухлат, тарзи пур кардан ва тартиби пешниҳоди ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет муайян ва ба танзим дароварда мешавад.<br>Дар лоиҳаи Дастурамал чораҳо пешбинӣ карда нашудаанд. Дар Дастурамали мазкур уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳои зерин пешбинӣ шудаанд:<br>УҲДАДОРИҲО<br>- шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» дар файли электронии шакли Excel тариқи почтаи электронӣ, ҳар моҳ на дертар аз таърихи 5-уми баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад;<br>- дар ҳисоботи омории №1-А ҳамаи маълумотҳо бо пули миллӣ нишон дода мешаванд;<br>- тибқи талаботи дастурамали мазкур ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои давраи ҳар семоҳаи гузашта (дар шакли афзоянда) дар моҳи якуми семоҳаи минбаъда санади муқоисавии тасдиқгардида бо мақомоти андозро дар замимаи ҳисоботи ҷорӣ ба БМТ ирсол намоянд.<br>МАҲДУДИЯТҲО:<br>- ҳисоботҳо танҳо дар шакли файли Excel пешниҳод карда мешавад;<br>- мухлати пешниҳоди ҳисобот муайян буда, риоя намудани он аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳатмӣ мебошад. |

| | |
|---|---|
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бояд қайд кард, ки то ин ҷониб ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро дар шакли ҷадвал танҳо аз рӯи намуди андозҳо пешниҳод менамоянд, ки дар ин маврид унсурҳои асосии ҳисоботи мазкур ба монанди рамзи намуди андозҳо, ҳисоби тавозунӣ, маблағи ҳисоббаробаркунӣ ва ғ. номуайян боқӣ монда, дар мавриди ҷамъбасти ҳисоботи оморӣ эҳтимолан метавонад ба нопурра ва носаҳеҳ ҷамъбаст гардидани нишондиҳандаҳои асосиии оморию бонкӣ оварда расонад. Дар лоиҳаи дастурамали мазкур тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ба таври мушаххас аз рӯи ҳамаи унсурҳои зикргардида пешбинӣ карда мешавад, ки ба мақсадҳои гузошташуда мувофиқ мебошад.<br>Дигар роҳҳои ҳалли мушкилот натиҷа надоданд ва танҳо роҳи ҳалро дар таҳияи лоиҳаи Дастурамал дар таҳрири нав мебинем. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибати иҷтимоии қабули дастурамали мазкур:<br>- дар шакли электронӣ пешниҳод кардани ҳисобот, кори ташкилоти қарзиии молиявиро ҷиҳати пешниҳоди ҳисобот осон намуда имкон медиҳад, ки маълумоти муфассал оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет сари вақт ҷамъбаст ва пешниҳод карда шавад.<br><br>Оқибати иқтисодии қабули дастурамали мазкур:<br>-дар шакли электронӣ пешниҳод кардани ҳисобот хароҷоти ташкилоти қарзии молиявиро ҷиҳати сари вақт пешниҳод кардани ҳисобот тадриҷан кам хоҳад кард. |

| | |
|---|---|
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Қабули Дастурамали мазкур барои дақиқу саҳеҳ ҷамъоварӣ намудани маълумотҳои омори бонкӣ, ки он барои таҳлили дурусти вазъи иқтисодии кишвар зарур мебошад хизмат менамояд. Шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» (минбаъд-ҳисоботи омории №1-А) ба Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд– БМТ) дар файли электронии шакли Excel тариқи почтаи электронӣ, ҳар моҳ на дертар аз таърихи 5-уми баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад. Давраи ҳисоботӣ моҳи ҳисоботӣ дониста мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 31.08.с.2023 |

Муовини раис Шарифзода Ф. Ҳ.